АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ

## ТАВСИЯНОМА

# ПИРОСТАНИ ДАРАХТОНИ МЕВАДИҲАНДА



*Душанбе, 2024*

***Муаллифон:***
***Назиров Ҳ.Н. д.и.к.,***
***Гулов С.М. д.и.б.,***
***Камолов Н. н.и.к.,***
***Фозилов Ҷ.Д.***

***Тақризгар:* Камолов Н.,** *н.и.к.-ходими пешбари илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо.*

***Орошгари компютерӣ:* Шарипов Ш.И.**

*Бо қарори Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, протоколи №1 аз 26-январии соли 2024 ба чоп тавсия гардидааст.*

*Дар тавсияномаи мазкур маълумотҳо оид ба технологияи пиростани шаклдиҳӣ ва шохабурии дарахтони мевадиҳанда дар боғҳои муқаррарӣ, интенсивӣ ва суперинтенсивӣ оварда шудааст.*

*Тавсиянома барои донишҷӯён, магистрон, кормандони соҳавӣ, деҳқонон ва боғу токпарварон пешниҳод карда мешавад. 40 саҳифа.*

## 1. Муқаддима

Луростани (шаклдиҳии ва буридани шоху навда) дарахтони мевадиҳанда ва ток, чорабинии агротехникист, ки мунтазам барои танзими сабзиш, рушд ва баланд бардоштани маҳсулнокию сифати меваи онҳо гузаронида мешавад.

Мафҳуми пиростан ин бештар амалӣ қисман ё пурра ба воситаи асбобҳои буранда бурида партофтани шоху навдаҳои шохсорро мефаҳмонад. Дар боғдорӣ мақсади асосӣ буридан ин дуруст бунёд намудани шохсор дар дарахтони ҷавон ва танзим кардани қадкашию ҳосилбандии дарахтони сину соли ҳосилдиҳанда мебошад. Дар маҷмуи чорабиниҳои агротехникӣ нигоҳубини боғҳо буридани шоху навдаҳо мавқеи намоёнро дорад. Чунки ин ҳаматарафа ба дарахт таъсири сахт мерасонад. Пеш аз ҳама аз тағйир наёфтани ҳаҷми шохсор, миқдори муғҷаҳои нашвию гулиро кам мекунад. Навда, шохча, барг, гул меваи аз муғчаҳои боқимонда нумӯ кардаро бо ғизо ва об беҳтар таъмин мегардонад. Дар натиҷа умри дарахтон дароз ва меваҳо нисбатан калон ва хушсифат мешаванд.

Ҳангоми дуруст буридан имконият пайдо мешавад, ки бо баргҳо дар шохсор рушнои хубтар расаду ҷараёни фотосинтез беҳтар гузарад. Дарахт аз маҳсулоти фотосинтез, об ва элементҳои химияви таъмин шавад. Пас аз буридан  дар шохсор бештар

навдаву баргҳои ҷавон пайдо мешавад, ки нисбати кӯҳна ба об баргардони устуворанд. Сатҳи умумии баргҳо кам шуда барои траспирация сарфи об кам мегардад. Дар шароити камнами аҳмияти буридан боз ҳам калонтар аст. Бештар буридан бевосита ба зиёдшавии афзоиши муғчаҳои хобии назди ҷойи бурида шуда таъсир мерасонад. Аммо таъсири буридан на танҳо ба ҷойи буридашуда балки ба ҳама узвҳои дарахт мерасад. Дар маҷмуъ сатҳи умумии барг, ҳаҷм ва вазни шохсор, сатҳи ғизогирию вазни реша умуман бо пурагӣ ҳаҷми дарахт хурд мешавад. Набуридани боғ ё ин ки мунтазам нагузаронидани он, инчунин бисёр буридани бемаврид ба бадшавии ҳолати дарахтон меоварад. Шохсори дарахтон анбуҳ, қадашон баланд шуда дохили шохсор аз нарасидани рӯшнои луч шуда шохчаҳои ҳосилдиҳанда тез хушк мешаванд. Танҳо нуги берунии навдаҳо ҳосил мебандад. Ҳосилноки ва дарозумрии дарахтон паст мешавад.

Аз ҳад зиёд буридан самароварии дарахтони ҷавонро ақиб партофта, ҳослнокиро низ паст мекунад. Бинобар ҳамин мақсад ва вазифаи буридан аз хусусиятҳои биологии намуд, навъ, мувофиқати тагпайванду-навъ, сину сол, шароити хоку иқлими маҳал, сатҳи гузаронидани корҳои агротехникӣ, ҳолати дарахтон, таркиби боғ, шароити ташкили иқтисодӣ ва дигар омилҳо бармеояд. Дар боғҳои ҷавон

(то 4-6 сол) мавриди дуруст буридан, қадкаши беҳтар шуда ба дарахтон шакли интихоб кардашударо медиҳад. Ҳам замон дарахтонро тавре мебуранд, ки навдаҳо дар шохсор баробар ҷойгир шаваду мустаҳкамии онҳо таъмин гардад. Рӯшнои низ ба шохсор баробар расад. То ки дар оянда барои гузаронидани корҳои механикӣ ва дастӣ дар боғ, ҷамъоварии ҳосил мусоидат кунад. Низ барои тезтар ҳосилдиҳӣ ниҳолҳои ҷавон кушиш кардан лозим аст. Дар боғҳои ҳосилдиҳанда буридан ба мақсади таъминкунии нағзи қадкашии дарахтон, ба танзим даровардани ҳослнокии онҳо, мунтазам ҳар сол ҳосил бастан, сифатнокии мева, баландшавии хосилнокӣ ва дароз намудани давраи маҳсулнокии боғ иҷро карда мешавад. Инчунин роҳ надодан ба калоншавии дарахт бо қаду бар, анбӯҳшавии шохҳо, ё ин ки камшохи дар дохили шохсор.

## 2.Пиростани дарахтони мевадиҳанда

Пеш аз шаклдиҳӣ ва шохабурии дарахтони мевадиҳанда узвҳои асосии онҳоро донистан шарт ва зарур аст. (расми 1)

Пас аз шинонидани ниҳол вобаста аз технологияи интихоби шаклиояндаи дарахтон ба шаклдиҳии он шурӯъ мекунанд. Дар боғҳои интенсивӣ чунин шаклдиҳии дарахтон маъмул аст:




*Расми 1. Узвҳои асосии дарахтони мевадиҳанда*

Барои дар амал дуруст буридан, хуб донистани хусусиятҳои биологии намуду навъ дар тагпайвандҳои гуногун, қонунияти қадкаши ва бунёди шохсор, ҳосилбандӣ, таасури дарахт бо усулҳои гуногуни буридан муҳим аст. Инчунин муккамал донистани тарзи иҷрокунии усулҳои гуногуни буридан ва мақсади он заруранд. Имруз дар боғдорӣ ду тарзи буридани дарахтон: кӯтоҳ кардан (бурида кӯтоҳ кардан) ва тоқакунӣ ( бурида, канда партофтан) навда ё шох маълум аст. Ҳангоми кӯтоҳ кардан танҳо қисми навдаҳои солона, бисёрсола ё ин ки ҳосилдиҳандаро

(зиреҳнавдаҳо. навдачаҳои найзашакли гӯли, навдачаҳои мевадиҳанда) мебуранд. Ҳангоми тоқакуни узвҳои номбаркардашударо аз бехашон бурида мегиранд. Аз дигар усулҳое, ки барои танзими қадкашӣ ва ҳосилбандии дарахтон якҷоя ба буридан дар боғдории ҳозиразамон нисбатан истифода мебаранд: ин тағйирдиҳии кунҷи моили навдаҳо ва пошидани моддаҳои фаъоли физиологӣ мебошад. Гоҳ-гоҳ пайкуни ва ҳалқабуриро истифода мебаранд. Ҳар як усули зикршуда ба дарахт гуногун таъсир карда услуби хоси иҷрокунии худро дорад.

Дар боғдорӣ дарахтонро дастӣ ва бо мошини дарахтбурӣ мебуранд. Тарзи дасти кӯтоҳ ва тоқакардани навдаҳо бо ду роҳ иҷро карда мешавад. Аз болои муғча буридани навда, ки инро асосан дар мавриди шаклдиҳии шохсор ва ивазкунии навдаҳо, ки бештар ҳангоми ҷавонкунии дарахтон маъмул аст. Кӯтоҳ кардани навдаҳои бисёрсоларо ҷавонкунӣ меноманд. Агар аз 1/4-1/5 ҳиссаи навдаи солонаро буранд , онро андозаи суст, аз 1/3 муътадил ва 1/2 –ро кӯтоҳ кардани сахт меноманд. Инчунин бо ду се барг кандани нуги навдаҳои сабз дар тобистон, ҳангоми 20-30см қадкашии навда ҳам ба кӯтоҳ кардан таалуқ дорад.

## Тоқа кардани навдаҳо

Нисбати кӯтоҳ кардан ба дарахт камтар таъсир марасонад. Он ба мақсади аз бех бурида партофтани

навдаҳои рақобатӣ, айғирҳо ва сираккунии шохсор, шохҳои бо ҳам наздик ҷойгиршуда гузаронида мешавад. Тағйирдиҳии кунҷи моили навдаҳо дар боғҳои ҷавон барои суст ё тезонидани қадкаши, тез ба ҳосилдарои ва хубтар рӯидани узвҳои ҳосилдиҳанда ба ҳамаи дарозии навдаҳо ин амалро иҷро мекунанд.

## Пошидани моддаҳои рушд

Дар боғдорӣ истифодаи чунин моддаҳои синтетики таъсири сусткунанда ё тезонанда доштани – ретардантҳо: Алар, ССС, (хлорхолинхлорид), тур, этрел ва ғайра амали гаштааст. Онҳоро дар боғҳои ҷавони 3-5 сола барои тезонидани равиши ба ҳосилдарой ва дар боғҳои ҳосилдиҳанда барои пешгирӣ кардани анбуҳшавии шохсор баъди сахт буридан истифода мебаранд.

## Пайканӣ

Ин усулро баъзан ҳангоми шаклдиҳии дарахтони ҷавон барои тезонидан ё суст кардани қадкашӣ инчунин тезонидани равиши ба ҳосилдарой мегузаронанд. Ин амалро баҳорон барвақтар бо чунин тарз иҷро мекунанд: 3-4мм болотар ё поёнтар аз муғча дар шакли моҳи нимшуда бо паҳнои 2-3мм пӯстро бурида мегиранд.

## Ҳалқабурӣ

Амали бо паҳнои 1см гирдо-гирд бурида гирифтани пусти тана ё навдаҳо асосии дарахтонро меноманд. Ин усулро баъзан барои тезонидани

баҳосилдарoии дарахтони ҷавон навъҳои серамали дер ба ҳосилдароянда истифода мекунанд. Ҳалқабуриро баъди 20-30 рӯзи гулкунӣ иҷро мекунанд. Барои хубтар сиҳатшавии ҷароҳат болояшро хамираи боғи мемоланд, ё бо пардаи синтетикӣ, полиэтиленӣ печонида маҳкам мекунанд.

## Мӯҳлати буридан

Вобаста аз шароити маҳал, намуд, навъ, синусол инчунин мақсади гузошташуда, дарахторо охири тирамоҳ, зимистон, баҳор ва тобистон мебуранд. Дар шароити ҷумҳурии мо пас аз ҳазонрез буриданро сар кардан мумкин аст. Хуб мешавад, ки дар навбати аввал охири тирамоҳу зимистон дарахтони себ баътар ноку олуро буред. Охирҳои зимистон ва авали баҳор бо истиснои рӯзҳои хӯнук бо навбат биҳӣ, олу–болу, гелос, зардолу, бодом ва шафтолуро буридан беҳтар аст.

Шафтолуро дар давраи гулкунӣ бо назардошт аз хунукӣ осеб дидани муғчаҳои гулӣ ва муътадил гузоштани сарборӣ мебуранд. Буридани дарахтон дар рузҳои хунуки зимистон, ки агар ҳарорат аз -5$^0$С паст бошад, инчунин донакдоронро ҳангоми ҳавои хунук , намнок ва тира, ки сабаби шилмбарории онҳо мегардад, тавсия дода намешавад. Баъди саршавии сабзиш буридан ниҳоят рушди дарахтонро суст мегардонад. Ҳатто дар боғҳои навбунёдшуда сабаби хушкшавии ниҳолҳо мегардад.

Тобистон дар охири давраи пуравҷи қадкашии навдаҳо барои баланд гардидани устувории муғчаҳои гулӣ ба хунукӣ ва нисбатан дер гулкунии навдаҳо зардолуро бо усули кӯтоҳ кардан мебуранд.

Дар моҳҳои май- июн навдаҳои зиёдатии навруидаро аз бехашон бури мегиранд. Амали хамкунии шоху навдаҳо, бофтан ва нимшикан карданро дар давраи ба охиррасии қадкашии навдаҳо (июн-август) гузаронидан хубтар аст.

Барои беҳтар сабзида маҳкам шудани ҷароҳатҳои дар натиҷаи буридан ва ғайра пайдошуда ки диаметрашон аз 2см калонтар аст.чунин тавсия карда мешавад: бо воситаи теғи тези қайчии дарахтбурӣ, ё корди токбурӣ руяшро тарошида тоза карда, пас ба болояш хамираи боғӣ ё ин, ки ранги зард ё қаҳваранги равғандор мемоланд.

Хубтараш хамираи тайёри петролатум истифода кунед. Инчунин метавонед худатон бо чунин тарз хамира тайёр кунед. Баҳорон баробар нигрол, парафин ва канифолро, зимистон 50-60% нигрол, 20-25% парафину канифол гирифта омехта мекунед. Аввал парафину канфолро бо як қисм нигрол дар оташ об мекунед. Пас дигар қисми нигролро бо он илова карда, нағз омехта мекунед. Ба ҷойи канифол метавонед оҳаки шукуфтаро истифода баред. Пеш аз истифода бурдан хамираро каме гарм кадан лозим аст.

## Шаклдиҳии шохсор

Дар минтақаҳои гуногуни боғдории ҷаҳон зиёда аз 60 намуди шаклдиҳии шохсорро кор карда баромадаанд. Онҳо аз ҳамдигар аз рӯи шакл, андоза, мавҷудияти шохнавда, миқдор ва ҷойгиршавии навдаҳои тартиби якуму дуюм, тамоили арзии онҳо ва дигар омилҳо фарқ мекунанд. Ҳамаи намуди шохсорҳоро аз рӯи суроби амудиашон ба се табақа: мудавар (ҳаҷмдор, курашакл), тахт ва нимтахт тақсим мекунанд.

Дар мавриди шаклдиҳии муддавар навдаҳо аз тана ба ҳар тараф баробар ҷойгир карда мешаванд. Шохсори тахтро дар боғҳои палметтӣ истифода мебаранд. Дар ин шакли шохсор навдаҳоро аз ду тарафи тана танҳо бо қади қатор равона мегузоранд. Ҳангоми шаклдиҳии нимтахт навдаҳои тартиби якумро ба қад , ё ин ки дар тахти кунҷи тез ба тарафи қатор равон мекунанд.

Шаклҳои шохсори густурда ба гуруҳи махсус таълуқ доранд, ки онҳоро дар минтақаҳои шароити хунук (Шарқи – дур, Урал) истифода мебаранд.

Ҳар як шакли шохсор хусусиятҳои таркибии худро дорост. Лекин барои аксарияти онҳо тартиби умумии шаклдиҳи мавҷуд аст:

- дар ҳама намудҳои шаклдиҳӣ гузоштани кунда (штамб) ба назар гирифта мешавад;

- дар мавриди буридани аввалини шаклдиҳи, ниҳолҳои бешохро бештар 10-15 см (5-8см) болотар аз кунда мебуранд. То ин ки дар ин қисм навдаҳо пайдо шаваду дар оянда барои бунёди шохсор истифода шаванд;

- ҳангоми дар оянда шаклдиҳи ҳама вақт навдаҳои рақобатиро мебуранд, ё ин ки онҳоро ба шохнавдаҳои суст инкишофёфта иваз мекунанд;

- вақти шаклдиҳии шохсори қабат ба қабат ҷойгиркунии навдаҳои тартиби якум кушиш кардан лозим аст, ки то имкон аст онҳо барои мустаҳкамтар сабзидан ба тана аз якдигар дуртар ҷойгир бошанд;

- шоҳнавда доимо нисбати навдаҳои тартиби якум, навдаҳои қабати поёнӣ нисбати қабати болои афзалият дошта бошанд;

- ҳангоми кутоҳ кардани навдаҳои солона дар шоҳнавда ва навдаҳои тартиби якуму дуюм қатъиян самти муғчаи ҷойи бурида мешудагиро ба ҳисоб гирифтан лозим аст;

- дар айёми шаклдиҳӣ доимо навдаю шохчаҳои уфуқии ба тарфи тана сабзидаро бурида мегиранд. То ки дохили шохсор анбуҳ нашаваду сабзиши навдаҳои асосӣ суст нагардад;

- дар ҳама шохсори синҷаш (склет) возеҳ истифода гашта, ба ғайр аз бутташаклу дукшакл се соли аввал аз муғчаҳои нуги навдаҳои синҷи ғунчаҳои гулии баъзан

пайдошударо барои вайрон нашудани тартиби бунёди шохсор канда мепартоянд.

Айни замон дар боғдории ҷумҳурӣ чор шакли шохсор васеъ қабул гаштааст, ки онҳоро вобаста аз шакли боғ ва намуди дарахтони мевадиҳанда истифода мебаранд.

Дар 15 соли охир бунёди боғҳои суперинтенсивӣ дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда истодааст, ки шаклдиҳӣ ва шохабурии онҳо вобаста аз накшаи ҷойгиркунии ниҳолҳо хусусиятҳои хоси худро дорад. Бинобар ин дар алоҳидагӣ тавсиф карда шудааст.



Расми 2.

**Шохсори қабат – қабати сирак.** Ин намуд дар якҷоягӣ қабат бо қабат ва танҳо баробар ҷойгиркунии 5-7 навдаи синҷӣ дар атрофии тана бунёд карда мешавад. Чунин шохсоро бо чанд нақша сохтан мумкин аст:

1. Дар қабати якум се навдаи синҷӣ, дуюм ду ва аз он боло 2-3 навдаро танҳо –танҳо ҷойгир мекунанд.

2. Қабати якум аз се навда иборат буда, 3-4 навдаи дигарро танҳо–танҳо мегузоранд. Чунин шохсорро дар мудати 6-7 сол пас аз шинонидани ниҳол бунёд месозанд (расми 2).

Пас аз шинонидани ниҳол дар баландии 60-80см барои себ дар тагпайванди кадбаланд; 50-70см нок дар

тагпайванди қадбаланд, себ дар тагпайванди миёнақад, инчунин олу, гелос, зардолу, 50-60см барои олуболу; 40-50см барои себ, нок дар тагпайванди қадпаст кунда мемонанду бо 3-4 навдаи синҷи ва шоҳнавда қабати якумро барпо мекунад.

Навдаҳои синҷиро баробар ва шоҳнавдаро 20-25см аз онҳо дарозтар монда мебуранд. Бояд масофаи байни навдаҳои синҷӣ 15-20см ва кунҷи байни онҳо наздики $120^0$ бошад.Солҳои минбаъда қабатҳои болоиро барпо мекунанд, ки масофаи байни қабатҳо дар дарахтони қадбаланд 80-100см, миёнақад 60-80см, ва қадпаст 40-60см бояд бошад.

Аз соли сеюм сар карда , дар навдаҳои синҷӣ қабати поёнии 2-3 ва қабати болои 1-баъзан 2-навдаи тартиби дуюмро мегузоранд. Барои навдаҳои тартиби якум навдаҳои боқуватро интихоб намуда дигарашро аз бех мебуранд. Навдаҳои тартиби 2-3 –ро дар масофаи 40 -60 см аз якдигар ҷойгир мекунанд.

Шаклдиҳиро дар соли 5-7-уми сабзиши дарахтон ба навдаи паҳлуӣ иваз кардани шоҳнавда ба охир мерасонанд. Дар чунин шакл бояд қади дарахтон аз 3,5-4,5м ва барашон аз 4-6м зиёд нашавад.



Расми 3.

**Шаклдиҳии мукарарии беқабат.** Ин намуди шаклдиҳӣ ба шохсори бутташакл шабоҳат дошта, хело сода каммеҳнат аст. Он аз поя ва 5-8 навдаҳои синҷӣ

бунёд карда мешавад.Навдаҳои синҷиро беқабат дар атрофии тана ба ҳар тараф баробар дар масофаи 20-40см аз якдигар ҷойгир мекунанд. Навдаҳои тартиби дуюму сеюмро ба монанди шохсори қабат қабати сирак мегузоранд. Қади дарахтон чунин шакл дода 3-5м мешавад. (расми 3.)

Бо ин усул қариб ҳамаи даратони мевадиҳандаро шакл медиҳанд.



Расми 4.

**Шохсори косашакл.** Ин шакли шохсоро асосан дар боғҳои шафтолу баъзан дар дигар намудҳои себ, нок, олу ва ғайра истифода мебаранд. Чунин намуди шохсор дар 1-2 солагии аз 3-4 навдаи синҷӣ барои шафтолу ва 4-5 барои дигар намуди дарахтон бунёд мекунанд. (расми 4).

Дар атрофии тана навдаҳои синҷӣ ба масофаи 10-20см аз якдигар баробар ҷойгир мешаванд. Аз баски навдаҳои паҳлугии шафтолу суст инкишоф ёфтаанд, навдаҳои дар оянда синҷиро, кутоҳ монда дигарашро аз бех мебуранд. Авали тобистон аз навдаҳои навсабзида, нағз инкишофёфтаашро интихоб намуда, дигарашро канда мегиранд. Минбаъд дар масофаи 40-60см аз поя ва аз дигар 2-3 навдаи тартиби дуюм тарзе гузошта мешавад, ки муқобили навдаҳои дигар набошад. Дохили шохсоро ҳамеша кушода нигоҳ

дошта навдаҳои рост ба тарафи тана сабзидаро мебуранд. Ҳаҷми чунин шохсор набояд қадаш аз 2,5-3,5см, бараш аз 3м зиёд шавад.



Расми 5.

**Шаклдиҳии шохсори палметтӣ.** Ин усул асосан дар боғҳои сермаҳсул, (интенсивӣ) ки дар тагпайвандҳои миёнақаду қадпаст бунёд гаштаанд истифода мешаванд. Чунин боғҳои аз қатори яклухти бараш 1,5-2,5м –ра бо назардошти гузоштани хавоза иборат мебошанд. Ин усули шаклдиҳӣ бартарии калон дошта, васеъ дар боғдории сермаҳсул истифода мешаванд.

Он имконият медиҳад, ки дарахтон зич ҷойгир карда шаванд, тез ба ҳосил дароянд, ва ҳосили баланд диҳанд. Дар чунин шохсор буридани дарахтон, ҷамоварии ҳосил ва коркарди агротехники боғ осон буда имконият медиҳад, ки расидани рӯшнои ба баргу мева инчунин сифати пошидани заҳрҳои кимиёвӣ беҳтар шавад. Камбудии ин шакли шохсор он аст, ки меҳнати зиёдро талаб карда бо шамол яктарафа муқобилат мекунад ва сохтани хавоза қимат меистад.

Шохсори бо ин усул буёдгашта аз 3-4 қабати масофаи байнашон дар дарахтони миёнақад 60-100см ва қадпаст 40-60см буда барпо карда мешавад (расми 4). Шохсор ҳамаги аз 6-8 навдаи синҷи дар онҳо

миқдори гуногуни навдаҳои тартиби дуюму сеюм ва ҳосилдиҳанда иборат мебошанд.

**Усулҳои беҳтар кардани сохти шохсори дарахтони ҳосилдиҳанда.** Дар шаклҳои гуногуни боғҳои ҳосилдиҳанда бештар зарурияти беҳтаркунии қаду бар ва дохили сохти шохсор ба миён меояд, то ки он барои гузаронидани корҳои нигоҳубин, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар давраи ҷамоварии ҳосил ва дигар амалҳо нисбатан мувофиқ бошад. Дар баробари ин мақсад гузошта мешавад, ки сифати мева беҳтар, ҳосилноки баланд, давраи маҳсулнокии дарахти мевадиҳанда дароз карда шавад. Бо чунин усулҳо пасткунии қад, маҳдудкунии барашон, парракунии шохсор, каллаккунӣ ва ғайра таалуқ дорад.

**Паст кардани шохсор**. Дар ҳама намуди боғҳо, дар мавриди аз нишондодҳои шакли шохсори интихобшуда, сохти боғ зиёд қад кашидани дарахтон шохсоро паст мекунад. Гузаронидани ин чорабинӣ пеш аз ҳама дар боғҳои дарахтони тез сабзанда, ки баландии дарахтон аз 4-5м зиёд зарур аст.

Дараҷаи пасткунӣ аз ҳолати дарахтон, баландии ибтидои  ва хусусиятҳои навъ вобаста аст. Навъҳои себҳои шохсорашон парешон, қадкашиашон муътадил ва шохарониашон хуб (Ренет Симиренко, Джонатан, Голден делишес) то 3,5-4,5м, шохсори муддавар доштаро (Ренет Шампанский, Мелба, Пармен зимний золотой) то 3-3,5м, навъҳои баладқади шохсори

аҳроми доштаро то 4,5-5,5м (Сары синап, Розмарин белый, Кандил синап, Старк) паст мекунад. Дарахтони қадпаст то баландии 2,5-3м паст карда мешавад. Дарахтони нокро дар тагпайванди шидати сабзишашон нисбатан муътадил то 4-5м паст мекунанад, чунки аз қисми буридашуда навдаҳои барқароркунанда бисьёр бо шидат месабзанд. Навъҳои қадбаланди олӯ, олӯ-болу ва зардолуи шохсорашон сиракро дар сатҳи 4м, навъҳои миёнақади щохсорашон бо шиддатро то 3,5м паст кардан лозим аст. Одатан қади гелосҳоро то 5м паст мекунанд.



Расми 6.

**Техникаи паст карданиқади дарахтон.** Дар навбати аввал шоҳнавдаро одатан ба дарозии 1,5м аз навдаҳои тоқаи синчии панчум ё ҳафтум кутоҳ мекунанад. Навдаи тоқаи болои аз чиҳати ғафсӣ бояд ба шоҳнавда қариб баробар ва кунчи чойгиршавиаш аз $45^0$ зиёд бошад. Пас навдаҳо паҳлуии шохҳои синчи (склети) қабати болои кӯтоҳ карда мешавад. (Расми 6.) Пасткунии қади дарахт. (бо қатор хатчаҳо навдаҳои буридашаванда нишон дода шудааст.)

Сатҳи пасткунӣ ба воситаи ҳисобчуб назорат карда мешавад. Пас аз бурида паст кардани қади дарахт навдаҳои зиёдатии бо шидат сабзанда ва

анбуҳкунандаро бурида ё дар ҷавониашон канда мегиранд. Дар себ ва нок барои кам кардани навдаҳои барқарокунанда, пас аз паст кардани қади дарахт маҳлули 0,5 – 1% турро истифода мебаранд.



Расми 7.

**Калакунии дарахтон.** Барои дароз кардани давраи маҳсулнокии дарахтони пиршудаистода гузаронида мешавад. Дар мавриди калакуни навдаҳои синчӣ ва сабзандаро ба андозаи 1/3-1/2 ҳиссаи дарозиашон кутоҳ мебуранд. Дар баробари ин навдаҳои синчӣ, нимсинчӣ (полускелетный) ва сабзандаи шикастагӣ, касал, хушк аз касалию ҳашаротҳо зарадидаро бурида мепартоянд. Баъди калакунӣ аз ҳисоби навдаҳои нав сабзида барои барқароркунии шохсор навдаҳои пурқувват ва мувофиқ ҷойгиршударо интихоб намуда, зиёдатиашро бурида мепартоянд. (расми 6) Пас аз 2-3 сол дарахт ба ҳосилбандии пурра сар карда меваааш хушсифат мегардад. (Расми 7.) Ташакулёбии шохсор пас аз калакуни.

Калакуни дарахтони боғҳои кӯҳнаи сермаҳсул, аз нигоҳи иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ нест. Онҳоро канда боғи нав бунёд мекунанд.

## Пиростани боғҳои суперинтенсивӣ

Пас аз шинонидани ниҳол вобаста аз технологияи интихоби шаклиояндаи дарахтон ба шаклдиҳии он шурӯъ мекунанд. Дар боғҳои интенсивӣ чунин шаклдиҳии дарахтон маъмул аст:

-дар атрофи тана бо навбат гузоштани шоххо бо шохабурии дароз;

-дар атрофии тана бо навбат гузоштани шоххо бо шохабурии кӯтоҳ:

-шафша (бибаум) – пайдарҳамгузории шохаҳо дар душоҳтана.



Расми 8.

## Шохбурии дароз дар соли якуми давраи нашв

Пас аз шинонидани ниҳол дар ҳолати мавҷуд набудани навдаҳои зарурӣ ба ин амал шурӯъ менамоянд. Дар ин ҳолат ниҳолро дар баландии 80-85 см қайчӣ мекунанд. Дар давраи нашв пас аз навдасабзӣ барои қабати якуми шохсор 4 - 5 навдаи кунҷи кушоддоштаро дар баландии 70 см аз ҷойи пайванд ё 85 см аз сатҳи замин интихоб намуда, навдаҳои зиёдатиро бурида мепартоянд. Тирамоҳ пас аз хазонрез, навдаҳои қабати якумро муайян намуда, онҳоро хам карда дар сим ба воситаи найчаҳои чандирӣ ё канаб мебанданд. (Расми 8-9)



Расми 9.

Пас аз хам карда бастан барои ба тартиб даровардани рушди минбаъдаи ниҳолҳо ба дарозии зарурӣ нӯги навдаро мебуранд. Баъдан, навдаҳои кунҷи тез доштаро бо гузоштани пих мебуранд. Пихҳо барои дар оянда ҳосил кардани навдаҳои ҷойгиршавиашон моил гузошта мешаванд. Дар қисми болоӣ навдаҳои бо навдаи нугӣ шоҳтана рақобатдорро бурида мепартоянд.

## Соли дуюми давраи нашв

Дар давраи зимистон навдаҳои ғафсшуда ва кунҷи тездоштаро бо андозаи 3-4 см пих монда бурида мегиранд. Бо мақсади якхела шудани боғ вобаста аз имконияти қадкашии дарахтон шоҳтанаро дар баландии лозима кӯтоҳ менамоянд.

Баъд аз шохабурӣ, агар микдори навдаҳо кам бошад, дар ҷойҳои лозимии шоҳтана муғчаҳоро интихоб намуда, барои пайдо кардани навдаҳо аз болояшон бо арраи тези тунук пӯстро арра мекунанд, ки ин амалро пайгузорӣ (кребовка) меноманд.

Шохабуриро вобаста аз давраи нумӯи дарахтон мегузаронанд. Нисбатан барвақт гузаронидани шохабурӣ боиси афзоишёбии хуби дарахтон мегардад. Шохабурии дер бошад, ин ҷараёнро суст мегардонад.

Дар давраи тобистон асосан навдаҳои рақобаткунандаи шоҳтана ва навдаҳои анбӯҳкунандаро мебуранд. Инчунин бо назардошти нашъу-намо 2-3 навдаи ба талабот ҷавобгӯйро хам карда мебанданд. Навдаҳоро бисёр хам намекунанд, чунки аз онҳо навдаҳои уфуқии бисёр пайдо мешавад, ки боиси нисбатан сустшавӣ ва каммаҳсулии дарахт мегардад.

## Соли сеюми давраи нашв

Мақсади шаклдиҳӣ дар ин давра бо пуррагӣ таъмин намудани шохҳои асосӣ, баробар дар атрофи тана ҷойгир намудан ва таъмини иқтидори ҳосилбандии дарахтон мебошад.

Барои мӯътадил гардонидани нумӯ, дар баландии 80-85 см аз сатҳи замин 4-5 шохи дарозиашон ба 75 см баробарро гузоштан лозим аст. Баъд, қабати дуюм иборат аз 6-8 шохи дарозиашон 50 см тартиб дода мешавад. Қабати сеюм аз ҳисоби шохҳои дарозиашон то 10 см  гузошта мешавад. Ҳамин тариқ, дар соли 4-ум дар дарахт 12 – 16 шохи ҳосилдиҳанда ҳосил намудан зарур мебошад.

Дар ҷамъбаст шохсори дарахт шакли махрутро (конуси сарбурида) мегирад. Ба чунин тартиб гузаштани шохҳо имконият медиҳад, ки дарахтон баробар андоза дошта, новобаста аз ҷойгиршавии мева маҳсулоти якхелаи баландсифатро диҳанд.

## Пайдарҳамгузории шоххо дар атрофии тана: шохабурии кӯтоҳ

Бо мақсади кам кардани ҳаҷми корҳои хамкунию бастани шоххо, ки нисбатан заҳматталаб аст, чунин шакли шохсор пешниҳод карда мешавад. Аз як тараф, ин шакл ба суст намудани раванди нумӯи дарахтон мусоидат карда, ба тоқакунии механиконидашуда мусоидат менамояд.

Ба ин шакли шохсор ҷойгиркунии дарахтон бо нақшаи 3,5 х 0,8-1м тавсия карда мешавад.

## Соли якуми давраи нашв

Пас аз шинонидани ниҳолҳо, қабати 1-умро бо тарзи шохбурии дароз бунёд мекунанд. Мақсади ин амал шоххоро кӯтоҳ намудан ва дар он раванди сабзишро таъмин кардан мебошад. Дар ин амал навдаҳои рақобаткунанда ва ғафсро мебуранд.

Инчунин дар тобистон навдаҳои ба шоҳтана рақобаткунанда ва кунҷи тездоштаро низ мебуранд.

## Соли дуюми давраи нашв

Дар ҳар як шохи қабати якум, навдаҳои идомадиҳандаи дарахтро интихоб намуда, онҳоро бо дарозии 5 см буридан лозим аст. Дигар навдаҳои яксоларо аз бех мебуранд. Ғайр аз ин навдаҳои кунҷи тездошта ва навдаҳои ғафси нӯгашон бе мӯғчаро низ пих монда мебуранд.

Дар тобистон ҳамаи шохҳои беҳосил ва ниҳоят дарозро бурида мепартоянд.

## Соли сеюми давраи нашв

Дар ин сол шохабуриро аз танаи дарахтон шӯруъ намуда, навдаҳои сустинкишофёфта ва рақобаткунандаро бурида мепартоянд. Пас навдаҳои яксолаи интихобкардаро бо мақсади таъмини раванди рушду нумӯъ бо дарозии то 5 см мебуранд.

Баъдан аз шоҳтана ҳамаи навдаҳои бо кунҷи тез ҷойгиршударо бартараф менамоянд.

Қабати поёнӣ, ки аз 4-5 шох иборат аст, навдаҳои яксола ба дарозии то 5 см кӯтоҳ карда мешавад.

Ин амалро бо мақсади он мегузаронанд, ки раванди сабзиш ба қабати болоӣ ва поёни дарахт равона гардад ва дар ин ҳолат инкишофи қабати мобайнии дарахтон суст гардида ҷараёни ҳосилбандӣ зиёд мешавад. Пас аз гулшукуфи ҳамаи навдаҳои беҳосилро аз дарахт бурида мегиранд.

## Шафша (Бибаум)



Расми 10.

Фарқияти ниҳоли ду шоҳтана дошта аз ниҳоли ду шоха дар парвариши он дар ниҳолхона амалӣ мегардад. Ниҳоли душоха дар натиҷаи аз ду муғчаи болоӣ пайдо шудани ду шохи алоҳида ба амал меояд, ки яке аз онҳо

афзалият пайдо намуда, дар дарахт нобаробариро ба вуҷуд меорад.

Ниҳолҳои ду шоҳтанадорро бошад, бо роҳи дар як ниҳоли хасак аз ду тараф пайванд гузаронидан ба вуҷуд меоранд. Дар чунин ниҳол ҳар ду шоҳтана баробар сабзиш мекунанд. (Расми 10.)

Ин шакли шохсор барои гузаронидани ҳамаи корҳои механикӣ мувофиқ аст: шохабурӣ, тоқакунӣ, ҷамъоварии ҳосил ва дар охир ба баландшавии сифати мева оварда мерасонад. Дар ин шохсор меваҳо муътадил ҷойгир шуда нисбатан якхела ва ранги гувороро соҳиб мешаванд.

Барои ин шакли шохсор нақшаи бунёди боғ бо фосилаи 3,5 х 1,2 – 1,5 м тавсия карда мешавад. Дар як гектар бо ин нақша 1920 - 2380 ниҳол ҷой мегирад.

Баъди шинонидани ниҳол ҳар ду шоҳтанаро тарзе ҷойгир намудан лозим аст, ки масофаи байни онҳо на кам аз 60 см ва масофаи байни дарахтон дар қатор якхела шавад.

Навдаҳои бо кунҷи тез рӯидаро бурида мепартоянд ва қисми болоии шоҳтанаро дар як сатҳи баробар кӯтоҳ менамоянд.

Дар соли дуюми нашъу-намо аз қисми болоӣ сар карда, нӯги шоҳтанаро кӯтоҳ намуда, шохҳои кунҷи тез дошта ва навдаҳои ғафси пурқуввати беҳосилро бурида мепартоянд.

Дар соли сеюм бояд девори мевадиҳанда ташаккул дода шавад. Бо ин мақсад ба воситаи механизмҳои шохабур ниҳолҳоро мебуранд, ки шохсори дарахтон суроби махрутӣ (конуси сарбуридаро) мегирад.

## 3.ШОХАБУРИИ БОҒҲОИ ҲОСИЛДИҲАНДА

Шохабурӣ яке аз чорабиниҳои асосии агротехникӣ буда, аз хусусиятҳои биологии навъҳо, пеш аз ҳама аз тарзи ҳосилбандии онҳо вобастагӣ дорад. Дарахтони себро аз рӯи ҳосилбандӣ Жан-Мари Лестинос ба чор гурӯҳ ҷудо кардааст:



Расми 11.

**1. Тарзи ҳосилбандии «спурӣ»** – дар дарахтони ин гурӯҳ шакли шохҳои ҳосилдеҳ махрути (конусӣ) буда, узвҳои ҳосилдеҳ дар қисми поёнии шохҳо ҷойгиранд. (Расми 11.) Қисмати ҳосилдеҳи шох ба шохтана наздик ҷойгир мебошад. Ин тарзи ҳосилбандӣ ба навъҳои Старкримсон, Ред чиф, Ред кап, Ред апке хос аст.



Расми 12.

**2. Тарзи ҳосилбандии «Рен де Ренет»** – дар дарахтони ин гурух шохҳои ҳосилдеҳ кушодааст. Узвҳои ҳосилдеҳ асосан дар шохчаҳои 2-5 - сола ҷойгир мебошанд, ки аз он

микдори зиёди навдаҳо меванавдаҳо мебошанд. (Расми 12.)



Расми 13.

**3. Тарзи ҳосилбандии «Голден делишес»** - дарахтони навъҳои ин гурӯҳ шоху шохчаҳои бисёри ба ҳар тараф равона доранд. Узвҳои ҳосилдеҳ дар қисми болоии шоху навдаҳои 1- 3 - сола ҷойгир мебошанд. (Расми 13.) Ба ин гурӯҳ навъҳои «Айдаред», «Ренет Симиренко», «Бере берн», «Элстар», «Джонаголд» шомиланд.



Расми 14.

**4. Тарзи ҳосилбандии «Грани Смит»** – узвҳои ҳосилдеҳи навъҳои ин гурӯҳ одатан дар нӯги навдаҳои ҷавони 1-2 - сола ҷойгир мешаванд. (Расми 14.) Навдаҳои ҳосилдеҳ шакли хамидаи табиӣ доранд, ки камивазкуниро талаб мекунад. Ба ин гурӯҳ навъҳои «Грани Смит», «Флорина», «Фуджи», «Интерпрайс» ва ғайра тааллуқ доранд.

Дар боғдории интенсивӣ бештар усули бо дарозӣ буридани навдаҳоро истифода мебаранд, ки ба пайдоиши зиёди узвҳои ҳосилдеҳ имконият медиҳад.

Бо ин усул шохчаҳои ҳосилдеҳро умуман дар давраи инкишофёбӣ кӯтоҳ намекунанд. Ҳамин тавр, дар як муддати кӯтоҳ навдаҳои гуногуни ҳосилдеҳ пайдо мешавад.

Чор хели навдаҳои ҳосилдеҳ маълум аст:



Расми 15.

- дар шохсори дарахт, дар шохҳои сесола ва аз он солхӯрдатар узвҳои калонсоли ҳосилдеҳ ҷойгиранд ва муғчаҳои гулдиҳанда дар халтамеваҳо ба вуҷуд меоянд, ки ин муғчаҳо иқтидори баланди ҳосилбандӣ надоранд. (Расми 15.)



Расми 16.

- дар шохчаҳои дусола муғчаҳои ҳосилдеҳи пурқувват пайдо мешавад. (Расми 16.)



Расми 17.

- дар меванавдаҳои муғчаҳои гулдиҳанда дар нуги навда пайдо мешаванд ва қобилияти ниҳоят баланди меваи хушсифат ҳосил карданро доранд. (Расми 17)


Расми 18.

- дар навдаҳои яксола муғчаҳои омехта пайдо мешавад, ки қобилияти пасти гулдиҳӣ ва ҳосилбандиро соҳибанд. (Расми 18.)

Талаботи муғчаҳои гулдиҳанда мутаносибан ба иқтидори шумораи баргҳо, ки барои мева «кор» мекунанд, баробар аст. Қайд намудан зарур аст, ки муғчаҳое, ки дар шохсори дарахт ҷойгир мебошанд, шумораи начандон зиёди баргро нисбат ба мева соҳибанд ва аксаран мева аз ҳисоби дастабаргҳои майда ғизо мегирад. Ба ғайр аз ин чунин баргҳо нури офтобро пурра аз худ карда наметавонанд. Дар ин маврид таносуби барг/мева ба 1/1 баробар аст.

Меваҳое, ки дар шохҳои дусола пайдо мешавад, вобаста аз ҷойгиршавиашон барг/мева таносуби 2,5-5/1 – ро мегиранд.

Мева дар меванавда бисёр вақт таносуби 10/1 –ро дошта, рӯшноиро хуб истифода мебарад.

Дар навдаҳои ҳосилдиҳандаи омехта ин таносуб ба 3/1 баробар аст.

Ғайр аз ин вобаста аз хели узвҳои мевадиҳанда, муҳлати гулшукуфоӣ гуногун мегузарад: ин раванд аз узвҳои пир сар шуда, дар навдаҳои ҷавон ба охир мерасад. Дар ҳолати дар дарахт мавҷуд будани хелҳои гуногуни узвҳои мевадиҳанда, баъзе солҳо давраи

гулшукуфоӣ метавонад 4 ҳафта давом кунад. Ҳамин тавр, дар охири мавсим вақти ҷамъоварии ҳосил меваҳои ҳаҷман хурду калон ба назар мерасад, ки ин вобаста аз гирифтани ғизо дар давоми мавсим-таносуби барг/мева ва муҳлати гулкунӣ вобастагӣ дорад.




Расми 19. *Нақшаи ҷойгиршавии узвҳои ҳосилдеҳ дар шохҳои синну солашон гуногун*

Шарти асосии усули сарборикунӣ барои парвариши мева, дар интихоби муғчаҳои босифат ва баробар ҷойгир кардани онҳо дар дарахт мебошад. Ин тарзи сарборикунӣ дар боғҳои қобилияти баланди маҳсулнокидошта гузаронида мешавад. (Расми 19.)

## Шохабурӣ дар боғҳои гурӯҳи якум

Ба ин гурӯҳ боғҳое шомиланд, ки дорои қобилияти баланди маҳсулнокӣ мебошанд. Дар ин боғҳо шохабурӣ барои камтар кардани миқдори муғчаҳо ва муътадил ҷой намудани онҳо дар дарахтон истифода мегардад.

Барои муайян кардани шумораи мувофиқи муғчаҳо чунин меъёрҳоро риоя намудан зарур аст:

- зичии дарахтон;
- ба нақша гирифтани ҳосилнокии қитъаи боғ, дар асоси ҳосили соли гузашта ва ҳосилнокии мувофиқ ба 35 т/га баробар;
- фарқияти муғчаҳои гулдиҳанда, ки дар озмоишгоҳи шӯъбаи илмию истеҳсолӣ муайян карда мешавад;
- шумораи муғчаҳои гулдиҳанда дар дарахтони назоратӣ, ки барои навъҳои қитъаҳои мушаххас якхелаанд.

Мисол: ҳисоби миқдори мувофиқи муғчаҳои ҳосилдеҳ.

Қитъаи 4, навъи Голден, нақшаи шинонидан 3,50 м x 1м

| | |
|---|---|
| 3,5 x 1 = 3,5 $м^2$ | 10000 / 3,5 = 2857 дарахт/га |
| 35 т = 35 000 кг | 35 000/2857 = 12,3 кг/дарахт |
| 1кг = 5,5 мева | 5,5 x 12,3 = 68 мева / дарахт |

Дар ҳолати сифати ниҳоят баланд гирифтани мева ва дар як гулдаста як мева ҳосил шудан, фарқият баробари 52% мешавад.

68 мева / дарахт х 0,52 = 130,7

Ҳамин тавр, ҳисоботи нишондоди он баробар ба 130 муғча/дарахтро ташкил медиҳад. Пас лозим аст, ки дар баробар тақсим намудани ҷойгиршавии мева дар дарахт кӯшиш ба харҷ дод. Дар ин асно дар ҳар 10 см ҷой додани 1 мева мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин ҳолат бояд 13 мева/навдаи ҳосилдеҳ ё 15-16 шох/дар дарахт пайдо карда шавад.

Вақти гузаронидани шохабурӣ ба ғайр аз ҳосилнокӣ, боз ба ҳаҷми якхела доштани дарахтон аҳамият додан лозим аст. Амали асосӣ, аз кӯтоҳ кардани шоҳтана дар як сатҳи баландӣ барои дарахтони тамоми қатор иборат аст.

Агар баландии муқарраршудаи дарахтон ба даст омада бошад, зарур аст, ки шоҳтанаро ба шохи ду ё сесолаи муғчаҳои гулдиҳандаи нугидошта иваз кард.

Сипас, тамоми навдаҳои уфуқии дар нӯгашон муғча надошта, инчунин навдаҳои бо кунҷи тез сабзишдошта бурида мешаванд.

Яке аз навдаҳои болои ҳамхобидаро бо назардошти риоя кардани шумораи умумии навдаҳо буридан лозим аст. Инчунин муғчаҳои даруни шохсори дарахт: дар шоҳтана ва қисми поёнии

шохҳоро дар радифи 10-15 см аз шоҳтана бурида мепартоянд.

Агар лозим шавад, як ё ду шохи поёниро низ бурида мепартоянд.

Шумораи хурдтарини шохҳо, ки қабати якумро ташкил медиҳанд бояд ба 5-то баробар бошад. Агар навдаҳо хело дароз бошанд ва дар давоми мавсим ба замин расанд, дар ин ҳолат навдаро ба навдаҳои паҳлуӣ, ки нугмуғча доранд, бурида, равона менамоянд.

Дар давоми шохабурӣ бояд оид ба иҷрои дастурамал ва мунтазам ҳисоб кардани шумораи муғчаҳо баъди буридан диққати зарурӣ дод.

Агар шумораи шохҳо баъди буридан нокифоя бошад, зарурати гузаронидани пайгузорӣ дар болои муғчаи дар қисми дусолаи шоҳтана ҷойдошта ба миён меояд.

Дар ҳолати лозимӣ моҳи июн корҳои хамкунии иловагии навдаҳои ҷавон гузаронида мешавад.

## 4.Асбобҳо барои боғу токпарварӣ

Дар баробари асбобҳои муқарарии (бел, шохӣ, табар, каланд) дар боғу токпарварӣ истифода шаванда, боз асбобу ашёҳои махсус заруранд. Дар расми 20, қариб ҳамаи асбобҳо барои гузаронидани коркарди агротехникӣ боғу токзор зарурӣ нишон дода шудааст. Пас аз исифодабари дарҳол онҳоро шуста

тоза кардан лозим аст. Ба қисми оҳании асбобҳо барои пешгирӣ намудан аз зангзанӣ равған молида онҳоро дар ҷойи хушк нигоҳ медоранд. Чунки бо асбоби загзада кор кардан мушкил аст ва зарурияти иваз намудани он ба миён меояд.

Бел барои хушсифат беҳтараш аз оҳани зангназанандаи дамаш сахти тунук сохта шуда бошад. Шохи барои боғдорӣ низ хушсифат аз оҳани зангназанандаи бо чор шохи нӯгаш паҳн, ё ин ки суфташуда сохта шудаги бошад.



Расми 20: а) каланд, б) хокандоз, белча, в) шохича, г)ресмон, д) шланг, е) дастпушак аз матои сахт, ж) қайчиҳои дарахбурӣ, з) қайчии шохчабурӣ, и) қайчии дастадароз, й) кордчаи токбурӣ, к) корчаи пайвандкунӣ, л) зинапоя, м) меваканак, м) тасмаи бо сагак маҳкамшаванда, н) тасмаи бо мехкубҳо маҳкамшаванда, о) тасмаи занҷиршакл, п) дорупошаки пневматикӣ, р) дорупошаки дастӣ, с) чутка, т) қутии ранг, у) муқаллам.

Шоху навдаи дарахтонро бояд шахси таҷрибадор бо асбобҳо боғдорӣ нағз омода кардашуда таъмин буда бурад. Шахси мутассади ҳамроҳи худ бояд қайчӣ, корди токбурӣ, арраю арача, нордбони сепоя ва чангаки чубин барои хамкунии навдаҳо дошта бошад. Асбобҳо буранда ҳатман бояд хуб тез ва тегҳои қайчи боҳам зич бошанд, то ки сабабгори пахшкунӣ, харошидан, ва кафонидани пусту чуб нагардад. Ҷойи бо асбобҳо буридашуда суфта буданашон лозим аст. Агар навда бо арра бурида шуда бошад он гоҳ  ҷойи арракардашударо бо теғи қайчи, ё ин ки корчаи токбурӣ тарошида ҳамвор мекунанд. Сипас барои пешгирӣ намудан аз касалию ҳашаротҳо ба руяш хамираи боғӣ мемоланд.

## 5.Тарзи буридан бо асбобҳои алоҳида

**Бо корди токбурӣ.** Ҳангоми аз бех буридани шохчаю навдаҳо онҳоро камтар ба тарафи муқобил

хам карда мебуранд. (расми 21). Дар мавриди кӯтоҳкунии навдаҳо барои дуруст буридан аз болои муғча теғи кордчаро аз тарафи мӯғча муқобили навда тахминан 2мм поёнтар аз асоси мӯғча мегузоранд. Кордчаро дар тахти кунҷи 45⁰ тоб дода бо як даст навдаи буридашавандаро дошта, бо дасти дигар кордчаро ба тарафи худ кашида онро мебуранд (расми 21).



а



б

**Расми 21.**

а) Бо кордчаи токбурӣ аз бех буридани навда;
б) аз болои муғча буридани навда

## Қайчии дарахтбурӣ



Расми 22.

Барои дарахтони мевадиҳанда қайчии дарахтбуриро васеъ истифода мебаранд, ки ду намуди он истеҳсол карда мешавад: қайчие ки аз

қисми такягоҳ ва қисми буранда иборат аст. (расми 20), қайчие ки ду теғи бурада дорад (расми 20).

Қайчиро мувофиқи даст интихоб кардан лозим аст. Он бояд аз оҳани нағз обу тоб додашуда сохта шуда бошад ва ба осони тез карда шавад.

Инчунин қисмҳояш ивазшаванда бошанд. Сифати буридан аз дуруст қапидани қайчӣ вобастаги аст (расми 22).  Теғи қайчиро ҳеҷ гоҳ бо рафти бофта равона намекунанд, чунки пусту танаи навда пачақ ва кафиданаш мумкин аст. Дар ҳар сурат бо таври кундалаг буридан беҳтар мебошад.

**Бо арра** – шохҳои ғафстарро мебуранд. Барои пешгирӣ кардани кафидани шохҳо онҳоро бо се усул арра кардан тавсия карда мешавад. Аввал аз таг (расми 23) пас аз боло 3-5см дуртар нисбати ҷойи аз таг аррашуда шохро арра намуда ҷудо мекунанд. (расми 23) Сипас кундачаи ҳосилшударо аз бех мебуранд. (расми 23)  Навдаҳои нисбатан борикро бо як даст қапида, аз поён ба тарафи боло арра мекунанд. (расми 23). Дар шакли ҳалқа шоху навдаҳои мувофиқи нишондоди расми 10е арра кардан лозим аст.






Расми 23. Тарзи буридани навдаҳои ғафс бо арра. а) аввал аз поён, б) аз боло, в) кундачаи ҳосилшуда баъди буридан, г) буридани кундача, д) тарзи бо арра буридани навдаи борик, е) бо арра дар шакли ҳалқа буридани шох.

## Адабиётҳо


1. Гулов С.М., Пирзода Т., Урунов Ф.У., Силвандер В.Г. «Боғпарварӣ» Душанбе 2015
2. Потанов В.А., Ульянишев А.С. и др. Слаборослый интенсивный сад. – Москва - Росагропромиздат, 1991. 221 с.
3. Урунов Ф. Боғдории Тоҷикистон, 2018 334 с.
4. Черепахин В.И., Бабук В.И., Карпенчук Г.К., Плодовство. Москва. ВО «Агропромиздат» 1991, 271 с
5. Юбенер К. Основы технологии производства плодовой продукции в ЗАО «Сад Гигант». Славянск-на-Кубани, 2010

# БАРОИ ҚАЙДҲО

*Дар Институти боғу токпарварӣ сабзавоткории АИКТ ба табъ расидааст.*
*734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 [а]*